Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Манучеҳри Нозимии Раҷабазода дар мавзӯи “Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит)**

Ҷараёни пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқи стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар соҳаи хоҷагии қишлоқ пайдоиши мафҳуми «дороиҳои биологӣ»-ро ба миён овард. Аз ин лиҳоз масъалаи илман асоснокгардонии методикаи баҳодиҳии воқеӣ, баҳисобгирии эътимодноки дороиҳои биологӣ ва танзими меъёрии баҳисобгирӣ ин дороиҳо мубрам ба шумор меравад. Ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар корхонаҳои соҳаи хоҷагии қишлоқ, аз ҷумла дар парандапарварӣ, барои бадастоварии маълумоти боэътимод дар бораи вазъи кунунии корҳои сегментҳо, бригадаҳо, зотҳои парандагони парваришёфта, баҳодиҳии хавфҳо иҷрои банақшагирии банақшагирии харoҷот ва пас аз он пешбинии фоида ва максималигардонии он ва ғайра мусоидат менамояд.

Ҳамаи гуфтаҳои боло аз мубрам будани мавзӯи интихобнамудаи кори диссертатсионии Манучеҳри Н. Р. дар айни замон шаҳодат медиҳанд.

Автореферати мазкур имкон медиҳад, ки чунин хулосабарорӣ намоем, ки маллиф тадқиқоти диссертациониашро дар сатҳи баланд анҷом додааст. Саҳми арзандаи муаллиф дар ташкили баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ гузошташуда - ин пешниҳоди мафҳуми муаллифии дороиҳои билогӣ, таснифи ҷамъбастии дороиҳои биологӣ вобаста аз давраҳои иштироки онҳо дар раванди фаъолияти хоҷагидорӣ ва хусусиятҳои хоси соҳавии парандапарварӣ, аз рӯйи аломатҳои гуногун (с. 8) ва асоснокунии шакливазкунии биологӣ ҳамчун аломати муҳимми дороиҳои биологӣ (с. 9) мебошад.

Модели ташкили назорати дохилии тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ, ки муаллиф пешниҳод менамояд (с.14), шоёни тасдиқ мебошад.

Ба ақидаи муаллиф, ки гурӯҳбандии объектҳои баҳисобгирии хароҷотро дар низоми баҳисобгирии идоракунӣ бояд аз рӯйи чунин аломатҳо ба мақсад мувофиқ намуд: аз рӯйи ҷараёнҳои технологӣ (нигоҳубини мурғони бавоярасида, инкубатсияи тухмҳо, парвариши чӯҷаҳои ҷавона) дар ҷойҳои бавуҷудоӣ (сехҳо, қисматҳо, бригадаҳо), гурӯҳҳои технологии паранда (тӯдаи мурғони наслдиҳанда, саноатӣ, ҷавона ва тӯдаи мурғони ивазкунанда), мо розӣ ҳастем (с. 15).

Чуноне, ки муаллиф қайд намудааст, «дар доираи масъалаи мазкур ташкили баҳисобгирии таркибӣ ва таҳлилии хароҷоти тағйирёбиҳои биологӣ дар парандапарварӣ баррасӣ гардидааст» Мо низ бо ақидаи ӯ мувофиқем, ки бо назардошти хусусиятҳои ташкилӣ-технологии корхонаи парандапарварӣ барои дарҷи маҳсулоти соҳаи парандапарварӣ дар ҳисоби 10750 «Маҳсулоти кишоварзӣ аз дороиҳои биологӣ» ва дар он кушодани ҳисобҳои таҳлилӣ мувофиқ ба мақсад мебошад (с. 16-17).

Тавсияҳое, ки оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар автореферат пешниҳод гардидаанд, бо асолат ва асоснокии хулосаҳову пешниҳодот фарқ мекунанд.

Хулоса, диссертатсияи Манучеҳри Н.Р. як тадқиқоти мустақилона ва мукаммали илмӣ ба шумор меравад, ки дар сатҳи баланди назариявӣ ичро гардидааст ва пешниҳоду хулосаҳои асоснокеро дар бар мегирад, ки манфиати амалӣ доранд.

Дар баробари бартариятҳо дар автореферат ба чунин норасоиҳои назаррас эрод гирифта мешавад:

1. Мавзӯи диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) - и унвонҷӯй ба яке аз масъалаҳои мубрами баҳисобгирии муҳосибӣ бахшида шудааст, ба андешаи мо, муаллиф бояд ба масъалаҳои коҳиши арзиши аслии маҳсулоти парандапарварӣ бештар диққат медод, ки он дар навбати худ ба афзоиши фоидаи корхонаҳо соҳаи хоҷагии қишлоқ оварда мерасонад.
2. Мавзуъи интихобнамудаи муаллиф хеле васеъ мебошад, бинобар ин дар таҳқиқотҳои оянда васеъ намудани объект пеш меояд.

Бояд баён намуд, ки эродҳои дар боло зикршуда ба мазмуни асосии кори илмӣ ва баҳои умумии мусбати он таъсир намерасонад. Автореферат ва мақолаҳои чопшуда сохтори диссертатсияро ба пурраги дар бар мегиранд.

Ҳамин тавр, бояд қайд намуд, ки диссертатсия кори пурра анҷомёфта ба шумор рафта, дар он масъалаҳои мубрами ташкилӣ-методии баҳисобгирӣ ва назорати табдилёбии дороиҳои биологӣ дар парандапарварӣ ҳалу фасл карда шудааст ва он ба талаботҳои б. 31, 33, 34, 35-уми “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 таҳти рақами 267) ҷавобгӯ буда, муаллифи он – Манучеҳри Н. Р. ба гирифтани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050800 – Баҳисобгирӣ ва аудит (6D050801 – Баҳисобгирии муҳосибӣ ва аудит) сазовор аст.

**Муқарризи расмӣ:**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, досенти кафедраи**
**“Баҳисобгирӣ, таҳлил ва аудит”-и**
**Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон** **Файзуллоев А.Х.**

30.01.2025

**Имзои Файзуллоев А.Х.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо** **Рахимов А.А.**

УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

(Суроға: 734025, ш. Душанбе, к. Мирзо Турсунзода, 30, бинои таълимии 2, ауд. 310, Тел: (+992) 37 221-35-50, E-mail: abdurozik_fayzulloev@mail.ru)